***Давлатзода Сарвиноз Абдумалик*** *– н.и.п. мудири шуъбаи фанҳои технологияи меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ омодагии ибтидоии ҳарбӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии ПРМ АТТ.*

# ПОЙГОҲИ ДУРНАМОИ КОНСТИТУТСИЯ ДАР ТОҶИКИСТОН

Бо шарофати қабули Конститусия мунокишаҳои сиёсию бесарусомонӣ хотима ёфта, ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ дар мамлакат асоси боэътимод гузошта шуд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати моро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ муаррифӣ намуд, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ дошта, барои зиндагии арзанда ба ҳар шаҳрванд заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ фароҳам оварда мешавад.

Ҷумҳурии мухтори Тоҷикистон соли 1924 дар ҳайати Ҷумҳурии шӯравии бародарии Ӯзбекистон ташкил ёфта, аз ҳамон замон масъалаи пешниҳоди лоиҳаи Конститутсия ба миён омада буд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки ходимони намоёни ҳизбию давлатии Тоҷикистони мухторӣ дар нимаи дуюми солҳои бистуми асри сипаришуда аз қабили Қаҳрамонони Тоҷикистон Ш. Шоҳтемур ва Нусратулло Махсум ба омоданамоии тарҳи аввалини лоиҳаи Конститутсияи Тоҷикистон пардохта, манфиатҳои миллии халқи тоҷикро дар ҷойи аввал мегузоштанд.

Дар таърихи давлатдории Тоҷикистон ҳамагӣ панҷ маротиба Конститутсия қабул шудааст, ки ин солҳои 1929, 1931, 1937, 1978 ва 1994 маҳсуб меёбад.

Ҳанӯз моҳи сентябри соли 1926 Президиуми КИМ Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон «Дар бораи таҳияи лоиҳаи конститутсияи Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон» қарор қабул карда буд. Он бояд дар заминаи Конститутсияи собиқ ИҶШС ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул карда мешуд. Моҳи майи соли 1927 лоиҳаи Конститутсия омода гардид ва нахустин Конститутсияи Тоҷикистон дар Анҷумани 2-юми Шуроҳои Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон дар саннаи 28 апрели соли 1929 қабул карда шуд. Дар он дастовардҳои халқи тоҷик дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсиву хоҷагӣ ва фарҳангӣ инъикос шуда, ташкили Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон, барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ ҳамчун шакли нави давлатдорӣ мустаҳкам карда шуд.

Дере нагузашта Ҷумҳурии Шӯравии Иттифоқии Тоҷикистон ташкил ёфт ва Конститутсияи собиқ бо ҳамин вазифаи таърихии худро иҷро кард. Аз ин рӯ, масъалаи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав ба миён омад. Лоиҳаи Конститутсияи дуюми Тоҷикистонро Анҷумани 4-уми Шуроҳо муҳокима карда, чунин андешаро маъқул донист. Президиуми КИМ Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таклифу пешниҳодоти вакилони анҷуман ва Шурои комиссариатҳои халқиро ба инобат гирифта, бо қарори

худ аз саннаи 20-уми декабри соли 1931 матни Конститутсияи ҷадидро дар таҳрири нав нашр намуд ва ба ҳукми амал даровард. Конститусияи соли 1931 Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон давраи гузариш аз капитализм ба сотсиализмро ифода менамуд. Аз ин рӯ, баъди ғалабаи пурраи сотсиализм дар Тоҷикистон зарурати тайёр кардани лоиҳаи нави Конститутсияи давраи сотсиализми ғолиб ба миён омад.

Ҳамин тариқ, дар санаи 1-уми марти соли 1937 Анҷумани 4-уми фавқулоддаи Шуроҳои Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Конститусияи нави ҶШС Тоҷикистонро қабул намуд. Дар он хусусиятҳои давраи ғалабаи пурраи сотсиализм ифода гардид. Конститутсияи мазкур таи 40 сол амал кард ва дар ин давра вобаста ба пешрафти ҷомеа дар сохтори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва низоми иқтисодӣ ва ҳуқуқии ҷомеа дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Вобаста ба ин масъала қабули Конститутсияи нав ба миён омад. Дар натиҷа дар таърихи 15 июли соли 1977 Анҷумани 7-уми ғайринавбатии Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикстон комиссияи махсусро оид ба тайёр намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Тоҷикистонро ташкил кард. Баъдан дар санаи 19 марти соли 1978 лоиҳаи Конститутсия барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид, ки дар натиҷа баъди муҳокимаи доманадори он апрели соли 1978 Анҷумани 8-уми ғайринавбатии Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати нуҳум) Конститутсияи 4-уми ҶШС Тоҷикистонро қабул кард. Бад ин тариқ, Конститутсияҳои қабулгардидаи даврони Шуравӣ чи дар сохтори идоракунии давлат ва чи дар соҳаҳои мухталифи ҳаёти хоҷагии халқи мамлакат вазифаҳои худро ба пурраги ба сомон расониданд.

Баъди пошхурии Иттиҳоди Шуравӣ, баробари як қатор мамлакатҳои собиқ Иттиҳод, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ роҳ ба сӯи инкишофи мустақилонаро пеш гирифт. Бинобар ин санаи 9-уми сентябри соли 1991 Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқсолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, ин сана ҳамчун рӯзи истиқлолияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон дар таърихи навини он, оғози дигаргунсозиҳои нав дар самти бунёди давлати мустақилу миллӣ ва демократӣ эътироф гардидааст. Вобаста ба чунин тағйироти сиёсӣ зарурати гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ ва қабули Конститутсияи давлати комилан мустақил ва барпо намудани ҷомеаи озоду пешрафта ба миён омад.

Бо шарофати Иҷлосияи XVI-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омода ва қабули Конститутсия марҳалаи нав ба амал омад. Қабули Конститутсия ба даврае рост омад, ки Тоҷикистони соҳибихтиёрро оташи ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифта, пояҳои давлату давлатдориро заиф гардонида, Тоҷикистонро хавфи парокандашвӣ таҳдид мекард. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар ҳаёти ҷамъиятӣ муносибатҳои сифатан нав, ба монанди пеш гирифтани сиёсати озоду мутақобилан судманди хориҷӣ, арзиши олӣ эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, зуҳуроти шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ моликияти давлатию ҷамъиятӣ, равнақи муносибатҳои тиҷоратию соҳибкорӣ

ва ғайра ба вуҷуд омаданд ва шакли идоракунию сохтори марзии давлатдорӣ хусусиятҳои навро ба худ касб намуд. Барои танзими ҳамаҷонибаи чунин муносибатҳои ҷамъиятиву давлатӣ ва ба таври воқеӣ ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии давлат ва ҷомеаи навини тоҷикон қонуну санадҳое лозим буданд, ки бархурди чунин манфиатҳо бошанд. Барои эҷоди ин гуна санаду қонунҳо заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ лозим буд, ки он ҳам бошад, қабл аз ҳама Конститутсияи нави давлати соҳибистиқлоли демократӣ ва дунявӣ буда метавонист. Аз ин лиҳоз, баҳри татбиқи ҳадафҳои дар боло зикршуда ҳайати коммиссияи конститутсионӣ таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъсис дода шуд. Ҳокимияти давлатӣ дар симои Шурои Олии ҳамонвақта аз нав эҳё гардида, ба барқарор намудани институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсон дар ҷомеа шароит фароҳам овард. Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи Конститутсияро таҳия намуда, онро барои ҳарҷӣ пурраву демократӣ гардонидан ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намуд. Лоиҳаи Конститутсия дар матбуоти даврӣ ба чоп расида, аз ҷониби тамоми аҳли ҷомеа бевосита мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор гирифта, саннаи 20 июли соли 1994 Қонун «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекард. Бо назардошти тағйироту иловаҳо, фикру ақида ва дархосту пешниҳодҳо саннаи 6-уми ноябри соли 1994 тавассути овоздиҳии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

Ба ҷонибдории Конститутсия 94,4 фоизи шаҳрвандони дорои ҳуқуқи интихоботӣ овоз дода, моҳиятан роҳи тараққиёти ояндаи худро муайян намуданд.

Ҳамин тариқ, миллати тамаддунофари тоҷик ва давлати ҷавони Тоҷикистон Конститутсияи худро таҳия ва қабул намуда, хусусиятҳои хоси давлати миллии соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбуёд, дунявӣ ва ягона, ки иродаи халқ ифодагари ҳокимияти давлатӣ буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳимояи онҳо арзиши олӣ эътироф шудааст, дар он таҷассуми худро ёфтаанд.

Дар тули тай намудани таърихи 30 солааш Конститутсия тавонист, ки ифодагари манфиатҳои халқи тоҷик бошаду тоҷиконро дар арсаи олам муаррифӣ намояд.

Конститутсия ҳукми шиносномаи ҳар як давлату миллатро дорад ва дар он номи давлат, тартиботи давлатдорӣ, тарзи ташкили марзиву ҳудудӣ муайян карда мешаванд ва асоси низоми ҳуқуқии давлат муайян мегардад. Аз инҷост, ки онро бахтномаи миллат, қутбнамои мардум, саодатбахши кишвар тавсиф намудаанд.

Имрӯз мардуми Тоҷикистон ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонианд ва ба бисёр комёбиҳоӣ мушарраф гаштаанд. Бешубҳа кулли муваффақиятҳои халқи бунёдкори мо бо шарофати Конститутсия ба даст омадаанд.